**Суратмаҷлиси №22**
**шурои диссертатсионии 6D. КОА-067**
оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ ва доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисосҳои 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик ва 10.01.09 – Фолклоршиносӣ) ва 10.02.00 - Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ)

25 июни соли 2024 ш. Душанбе

Иштирок доранд:
аз 15 нафар узви
шуро 14 нафар

**Рӯзнома**:

Дар бораи қабул намудани диссертатсияи **Муҳаммадохирова Ҳанифамо Иброҳимовна** дар мавзуи “Хусусиятҳои мундариҷа ва ҳунарии насри Сорбон дар даврони истиқлоли Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 - Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик) (роҳбари илмӣ, номзади илмҳои филологӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи адабиёти муосир Абдухолиқ Набавӣ) ба ташхиси аввалия ва таъйин намудани комиссияи ташхис.

**Шунида шуд:**

Ахбори раиси шурои диссертатсионӣ, д.и.ф., Шарифзода Ф.Х. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Муҳаммадохирова Ҳанифамо Иброҳимовна ба шурои диссертатсионӣ.

**Гузориш дода шуд:**

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ д.и.ф. Юсуфов У. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳо ба шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Муҳаммадохирова Ҳанифамо Иброҳимовна – автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ӯ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур барои ташхиси аввалия монеа вуҷуд надорад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Муҳаммадохирова Ҳанифамо Иброҳимовна дар мавзуи "Хусусиятҳои мундарича ва ҳунарии насри Сорбон дар даврони истиқлоли Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 - Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик) (роҳбари илмӣ, номзади илмҳои филологӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи адабиёти муосир Абдухолиқ Набавӣ) ба ташхиси аввалия қабул карда шавад.
2. Комиссияи ташхис дар ҳайати зерин таъйин карда шавад:
   - Ҳакимов Аскар, доктори илмҳои филологӣ, узви шуро, раиси комиссияи ташхис;
   - Мақсудов Бадриддин, доктори илмҳои филологӣ, узви шуро, узви комиссияи ташхис;
   - Солеҳов Мирзо, доктори илмҳои филологӣ, узви шуро, узви комиссияи ташхис.

Қарор карда шуд: тарафдор – 14 нафар, зид, бетараф нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Шарифзода Ф.Х.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Юсуфов У.